**ФАРМОИШИ**

**РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

аз «04» 05 соли 2026 № 144/ди ш. Душанбе

Дар бораи додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, фармоиш медиҳам:

1. Ба довталабони дараҷаи илмӣ тибқи рӯйхат (ду нафар) дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос дода шавад (рӯйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Мастонаи Сайдализод) дипломҳои намунаи давлатии дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисосро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ҳокимхон Ализода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2026, №5

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «04» 05 соли 2026, № 144/ди

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос сазовор дониста шудаанд ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмӣ дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаб | Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст; дараҷаи илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Лайламои Худойназар | 6D.КОА-088 назди Донишгоҳи давлатии Данғара; доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020501 - Адабиёти тоҷик) |
| 2. | Давлатзода Аҳмад Ширинхуҷа | 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600-Диншиносӣ (6D020601-Фалсафаи дин ва диншиносӣ) |